Spotlight Initiative
To eliminate violence against women and girls

МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

Good Neighbors Tajikistan

юнисеф БАРОИ ҲАР ЯК КӮДАК 75

# МЕХАНИЗМИ АРЗУ ШИКОЯТҲО

**(дастур барои хонандагон)**




**ДУШАНБЕ – 2021**

пайгирӣ карда шавад. Ин махсусан дар ҳолатҳои вайронккунии ҷиддии ҳуқуқи кӯдак муҳим мебошад.

**Қадами 14: Омӯзиш**

Раванди омӯзиш барои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дигар мақомоти масъул яке аз натиҷаҳои муҳимтарин пас аз кор бо муроҷиатҳо ва дархостҳои кӯдакон мебошад. Аз ин рӯ зарур аст, ки ба мушкилие, ки дар муроҷиати кӯдак ё дар муроҷиати аз номи ӯ пешниҳодшуда гузошта шудааст, диққат дода шавад. Ба таври мисол,агар зӯроварӣ дар мактаб мавзӯи такрорӣ бошад, пас Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак метавонад бо ташаббуси худ чораҳо андешад, то ки мушкилиро ба таври умумӣ нишон диҳад.

Роҳҳои муносибтарин барои таҳлили сохторӣ инҳо мебошанд:

- ✓ таҳқиқоти аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак гузаронидашаванда;
- ✓ методҳои иштирокӣ (интерактивӣ);
- ✓ назарсанҷиҳои ҷамъиятӣ.

**Қадами 15: Коммуникатсия**

Вақте ки тамоюлҳо аён мешаванд, мумкин аст, ки ба доираҳои васеи ҷомеа иттилоъ дода шавад. Ин ҳамзамон роҳи нишон додани фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва ҳам воситаи муҳим барои иттилоъ додан ба аҳолӣ дар бораи масъалаҳои ҳуқуқи кӯдак мебошад.

Иттилооте, ки аз як ё якчанд муроҷиату дархостҳо ба даст омадааст, метавонад дар баробари дигар манбаъҳои иттилоот замина барои коммуникатсияи ҷамъиятӣ бошад. Ин корро тавассути ҷалби таваҷҷуҳи ВАО ва ҷомеа анҷом додан мумкин аст.

Намунаи чунин масъала мумкин аст зӯроварӣ нисбат ба кӯдак бошад. Як муроҷиати кӯдак метавонад боиси ҳам баррасии муроҷиати мушаххас ва ҳам баргузор намудани маъракаи ҷамъиятӣ шавад.

## МАВОДҲОИ ИСТИФОДАШУДА:


1. «Дастурамал барои кормандони муассисаҳои таълимӣ оид ба пешгирӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон»; (PDV; Душанбе, 2018);
2. “Аҳдномаи ҳуқуқи кӯдак дар тасвир”, http://vhk.tj
3. Лоиҳаи “Мактаби бехатар: Пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдакон, бо таваҷҷуҳ ба духтарон дар мактаб, оила ва ҷомеа” ба хонандагони зерин, ки расмҳои худро барои истифода дар дастур пешниҳод намудаанд, миннатдории хешро баён менамояд:
   - Ҷабборова Хуршеда, хонандаи синфи 10 А-и МТМУ № 38-и шаҳри Душанбе.
   - Умаров Муҳаммадҷон, хонандаи синфи 8 А-и МТМУ № 21-и ноҳияи Ёвон;
   - Эмомалии Мирзоалӣ, хонандаи синфи 8-и МТМУ № 75-и ноҳияи Ёвон;
   - Раҷабов Аҳлиддин, хонандаи синфи 8-и МТМУ № 75-и ноҳияи Ёвон.




## РӮЙХАТИ МАФҲУМҲОИ КӮТОҲКАРДАШУДА:

| | |
|---|---|
| **ВОҲК** | – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак |
| **ВКД** | – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **КҲК** | – Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак |
| **ҶТ** | – Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **UNICEF** | – Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид |
| **ВАО** | – Васоити ахбори омма |
| **ВМИ ҶТ** | – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |

# САРСУХАН

Дастури мазкур бо мақсади шинос намудан хонандагони муассисаҳои таълимӣ бо роҳу воситаҳои механизми арзу шкиоятҳо ва вокуниш ба онҳо таҳия шудааст. Дар дастурамал ҷиҳати фароҳам овардани муҳити солим ва дӯстона, оштинопазирӣ ба ҳар гуна падидаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон, тарбия намудани насли наврас дар рӯҳияи инсонпарастӣ ва пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдакон маълумотҳо пешниҳод гардидааст. Хонандагон тавассути маълумотҳои дар дастур овардашуда метавонанд оид ба ҳуқуқу уҳдадориҳои худ, шаклҳои зӯроварӣ ва механизми арзу шикоятҳо ошноӣ пайдо намоянд.

Кӯдакон бояд вазъиятҳои зӯроварӣ ва ё вазъиятҳоеро, ки хатари рух додани зӯроварӣ доранд, шиносанд, оқибатҳои зӯроварӣ, роҳҳои хабар додан дар бораи ҳолатҳое, ки ба зӯроварӣ дучор гардидани кӯдакон гумон мешавад, донанд. Инчунин онҳо бояд донанд, ки дар бораи зӯроварӣ дар оилаҳои худ низ хабар додан ва аз мақомоти дахлдор кӯмак пурсидан метавонанд. Хонандагон бояд дар хотир дошта бошанд, ки ҳатто дар вазъияти мураккабтарини ҳаёт, дар вазъияти зӯроварӣ кӯмак ҷустан муҳим аст, махсусан вақте ки шахс ҳис мекунад, ки ҳолати руҳафтодагии худро идора карда наметавонад. Бо ин васила гумон дорем, ки ҳолатҳои зӯроварӣ нисбати кӯдаконро пешгирӣ карда мешавад.

**Нақшаи омӯзиши “Механизми арзу шикоятҳо” барои хонандагон, ки аз тарафи роҳбаладони муассисаҳо гузаронида мешавад**

**Мақсад:** Шинос намудани иштирокчиён бо ҳуқуқҳои кӯдак, механизми арзу шикоятҳо, усул ва воситаҳои муроҷиат намудан ба мақомоти дахлдор.

**Вазифаҳо:** то интиҳои машғулият иштирокчиён метавонанд:

- Оид ба конвенсияи ҳуқуқи кӯдак маълумот диҳанд;
- Моддаҳои конвенсияи ҳуқуқи кӯдакро шарҳ диҳанд;
- Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои кӯдакро муайян намоянд;
- Оид ба намудҳои арзу шикоятҳо маълумот диҳанд;
- Усулҳои механизми арзу шикоятҳоро шарҳ диҳанд;
- Чӣ тарз ба ваколатдор муроҷиат намудан ва тартиби муроҷиатро шарҳ диҳанд;
- Нақшаи кори гурӯҳро оид ба огоҳ намудани хонандагони муассиса дар бораи механизми арзу шикоятҳо тартиб диҳанд.

**Вақт:** 2 рӯз



**Қадами 9: Иштирок**

Ҳамеша фикри кӯдаки муроҷиаткарда бояд пурсида шавад ва ин кор ба таври мустақим анҷом дода мешавад. Шахсоне, ки бо кӯдак мулоқот мекунанд, бояд аз омодагии дахлдор гузашта бошанд.
Иштироки кӯдак ихтиёрӣ мебошад. Зарур аст, ки ба фикри кӯдакон мутобиқи синну сол ва балоғати онҳо диққат дода шавад. Ба кӯдак бояд имконият дод, ки фикри худро озодона баён намояд, вале интизор шудан лозим нест, ки ӯ тамоми миқёси масъаларо дарк менамояд. Бояд дар назар дошт, ки кӯдак ҳангоми баёни фикри худ бо дарназардошти таҷрибаи қаблиаш бо калонсолон, набудани боварӣ ё ҷароҳат бардоштан метавонад ба мушкилӣ рӯ ба рӯ шавад.

**Қадами 10: Ҳуҷҷатгузорӣ**

Вобаста ба ҳар як муроҷиат тавсия пешниҳод карда мешавад ёқарор қабул карда мешавад. Маълумотнома оид ба қарори кабулшуда ба таваҷҷуҳи ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла ба муроҷиаткунанда расонида мешавад ва он бояд бо забони возеҳи ба кӯдакон фаҳмо навишта шуда бошад. Маълумотнома бояд ҳадди ақал аз ҷузъҳои зерин иборат бошад:

- ✓ муроҷиат;
- ✓ тавсифи раванди санҷиш, аз ҷумла санаҳо ва вақти умумии сарфшуда;
- ✓ далелҳои дахлдор, аз ҷумла номҳои субъектони дар равандисанҷиш ҷалбшуда;
- ✓ натиҷаҳо;
- ✓ тавсияҳо;
- ✓ тарзу усулҳои пешниҳодшавандаи ҳимояи ҳуқуқӣ бароимуроҷиаткунанда;
- ✓ пешниҳодҳо барои беҳтар намудани хизматрасониҳо.

**Қадами 11: Ҷавоб ва иқдом**

Ҳангоми гузаронидани санҷиш ба муроҷиаткунанда ҷавоби дахлдор ирсол карда мешавад ва ҳангоми зарурат шахсан тавзеҳ дода мешавад.
Вақте ки кӯдак муроҷиаткунанда аст, ҷавоб бояд ба таври ба кӯдак некхоҳона ва бо назардошти манфиатҳои беҳтарини кӯдак пешниҳод карда шавад.
Мақомоти дахлдори давлатӣ дар бораи қарори қабулшуда хабардоркарда мешавад.
Дар ҷавоб ба таври возеҳ қарор ё тавсияи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, аз ҷумла воситаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ, ки барои кӯдак бояд пешниҳод карда шаванд, нишон дода мешавад.

**Дар раванди пайгирии муроҷиатҳо:**

**Қадами 12: Пешбурди сабти маълумот**

Пешбурди сабти маълумот яке аз роҳҳои таъмини сифати кор, ошкор намудани тамоюлҳои вайронкунии ҳуқуқи кӯдак ва ҳам ҳуҷҷатгузорӣ намудани раванд барои истифодаи минбаъда мебошад.

Маълумот бо истифода аз воситаҳои рақамӣ, мисли Microsoft Excelҷамъоварӣ карда мешавад.

**Қадами 13: Пайгирии муроҷиат**

Барои боварӣ ҳосил кардан ба он, ки воситаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ барои кӯдак тағйироти мусбиро овардаанд, мумкин аст, ки назорат бурда, пас аз чанд вақт

**Қадами 3: Кафолати беғаразӣ/бетарафӣ ва шаффофият**

Муроҷиати кӯдакон бояд одилона ва беғаразона баррасӣ карда шуда, набояд мавриди табъиз қарор дода шавад. Зимни баррасии муроҷиатҳо бояд аз бархурди манфиатҳо канораҷӯӣ карда шавад. Раванди баррасии муроҷиатҳои кӯдакон бояд шаффоф бошад. Дар инраванд ба ҳолатҳои зерин аҳамият дода мешавад:

- ✓ ҳангоми рух додани бархурди манфиатҳо чалб намудани шахси дигари масъул барои ба таври муносиб баррасӣ намуданимуроҷиати кӯдак;
- ✓ таъмин намудани муносибати якхела нисбати ҳамаи кӯдакон, сарфи назар аз синну сол, ҷинс, маъюбият, миллат, нажод, эътиқоди динӣва ҳуввияти фарҳангӣ;
- ✓ шаффоф, фаҳмо ва пешгӯишаванда будани механизми баррасии муроҷиатҳо;
- ✓ ба шаҳрвандон, аз ҷумла кӯдакон пешниҳод намудани маълумот дар бораи шахси масъули баррасии муроҷиат ва тарзибаррасии он.

**Қадами 4: Ҳисоботдиҳӣ**

Дар раванди қабул ва баррасии муроҷиати кӯдакон ҳисоботдиҳӣ муҳим аст. Субъектони баррасии муроҷиатҳои кӯдакон барои иҷрои ӯҳдадориҳояшон масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошанд. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак субъектони баррасикунандаи муроҷиатҳои кӯдаконро ба раванди баррасии муроҷиатҳо чалб менамояд.

**Дар раванди баррасии муроҷиатҳо:**

**Қадами 5: Арзёбии муроҷиат**

Арзёбии муроҷиат оғози раванди баррасии муроҷиат мебошад. Ҳангоми рад ва ё ба ниҳоди дигар равона карда шудани муроҷиат, бояд манфиатҳои беҳтарини кӯдак ба назар гирифта шавад.

Агар муроҷиат бо сабабҳои риоя нашудани расмиёт рад карда шавад, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак метавонад бо ташаббуси худ онро баррасӣ кунад.

**Қадами 6: Интихоби усули муносиб**

Агар арзёбӣ муайян намояд, ки муроҷиат бояд мавриди баррасии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак қарор гирад, усули муносиб интихоб карда шуда, муроҷиат ба корманди масъул барои баррасӣ супорида мешавад. Дар ин сурат муроҷиаткунанда хабардор карда мешавад.

Барои худро озод ҳис кардани муроҷиаткунанда тамоми шароитҳо ва муҳити созгор таъмин карда мешаванд, зеро бештари кӯдакон метарсанд ё барои муошират бо мақомоти расмӣ одат накардаанд.

**Қадами 7: Таҳия намудани нақша**

Нақшаи баррасии муроҷиат таҳия карда шуда, дар бораи раванди баррасӣ, аз ҷумла муҳлате, ки барои баррасӣ зарур аст, бамуроҷиаткунанда хабар дода мешавад.

**Қадами 8: Санҷиши муроҷиат**

Дар баъзе ҳолатҳо барои қабули қарор ва андешидани чораҳо вобаста ба муроҷиат танҳо санҷиш, дар ҳолатҳои мураккаб бошад, санҷиши дақиқтар ва баъзан гузаронидани ташхиси (экспертизаи) иловагӣ лозим меояд.

Агар нигаронӣ аз ҷониби кӯдакон ва ё аз номи онҳо ба таври махфӣ (бе зикр кардани ном) иброз шуда бошад ва ё муроҷиат нопуррапешниҳод шавад, бо дарназардошти пешниҳод шудани маълумот дар бораи вайронкунии дағалонаи ҳуқуқҳои кӯдак Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак метавонад бо ташаббуси шахсии худ мутобиқи моддаи *32* Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” санҷиш гузаронад.



| **Вақт** | **Фаъолият** | |
|---|---|---|
| | **Рӯзи якум** | **Рӯзи дуюм** |
| **9:00 – 9:40** | Бақайдгирӣ<br>Шиносой<br>Қоидаҳои тиллой<br>Дарахти ташвишу интизориҳо<br>Маълумот оид ба ташкилоти “Ҳамсоягони нек” ва гурӯҳи хонандагон.<br>Саволномаи ибтидоӣ | Хулоса ва баҳодиҳии рӯзи якум |
| **9:40 – 10:30** | Кӯдак кист? Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак. | Ба Ваколатдор чӣ тарз бояд муроҷиат кард? Тартиби муроҷиат. Шикоят бояд кадом маълумотҳоро дар бар гирад?Намунаи шикояти муроҷиаткунанда. |
| **10:30 – 10:50** | **Чойнӯшӣ** | **Чойнӯшӣ** |
| **10:50 – 12:00** | Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо. | Шаклҳои ташкил ва ба роҳ мондани механизми арзу шикоятҳо |
| **12:00 – 13:00** | **Хӯроки нисфирӯзӣ** | **Хӯроки нисфирӯзӣ** |
| **13:00 – 15:00** | Яхшиканӣ.<br><br>Зӯроварӣ ва намудҳои он. Дар кадом ҳолатҳо арзу шикоятҳо навишта мешавад? Механизми арзу шикоятҳо. | Яхшиканӣ.<br><br>Нақшаи кори гурӯҳ оид ба огоҳ намудани хонандагони муассиса оид ба механизми арзу шикоятҳо. |
| **15:00 – 15:30** | Арзёбии рӯз.<br>Хулоса ва ҷамъбаст | Саволномаи интиҳоӣ.<br>Хулоса ва ҷамъбаст |

**РӮЗИ 1**

**Фаъолияти 1.**

- ⇒ **Бақайдгирӣ.** (Иштирокчиён дар варақаи махсус ба қайд гирифта мешаванд)
- ⇒ **Шиносой.** Иштирокчиёнро ба давра даъват намоед. Аввал худатонро шинос карда, гӯед, ки шуғли дӯстдоштаи шумо кадом аст? Сипас, аз онҳо хоҳиш кунед, ки худашонро шинос намоянд ва як шуғли дӯстдоштаи худро гӯянд.
- ⇒ **Қоидаҳои тиллой**. Фикру ақидаи иштирокчиёнро дар флипчарт нависед.(Ба монанди: дер накардан, телефонҳои мобилиро хомӯш кардан, вақтро риоя намудан ва ҳоказо)
- ⇒ **Дарахти ташвишу интизориҳо.** Ба ҳар як иштирокчӣ варақи алоҳида диҳед. Аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки ҳар як нафар дар варақ аз омӯзиши мазкур чиро интизоранд, нависанд (Расми дарахтро пешакӣ кашида омода кунед) Варақчаҳоро дар решаи дарахт часпонед.

⇒ **Маълумот оид ба ташкилотҳои “Ҳамсоягони нек” ва ЮНИСЕФ**

- Ташкилоти байналмилалии «Ҳамсоягони нек» ***соли 1991 дар шаҳри Сеул, Кореяи ҷанубӣ*** таъсис карда шуда буд.
- Ташкилоти байналмиллалии «Ҳамсогони нек» дар ***34 давлат*** фаъолият мекунад: Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ.
- Ташкилоти байналмиллалии «Ҳамсоягони нек» фаъолияти худро ***дар Тоҷикистон соли 1998*** оғоз карда буд.
- Айни ҳол бошад ташкилоти мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз ***12000 кӯдаконро*** сарпарастӣ карда истодааст.
- Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) дар 190 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон, барои наҷоти ҷони кӯдакон, дифоъ аз ҳуқуқи онҳо ва кумак ба онҳо дар рушди қобилиятҳои худ кор мекунад.
- Аз соли 1993 инҷониб, ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкорӣ намуда, ҳукуматро дар иҷрои ӯҳдадориҳояш дар самти тавонмандсозии кӯдакон барои пурра талаб кардан ва истифода бурдани ҳуқуққои худ тибқи Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак дастгирӣ менамояд.
- ЮНИСЕФ дар бахшҳои ҳифзи кӯдакон, тандурустӣ, сиёсати иҷтимоӣ, рушд ва таҳсилоти томактабӣ, WASH (об, санитария ва гигиена), вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда, тағйирёбии иқлим ва омодагӣ ба офатҳои табиӣ, кӯдакони маъюб ва ҷавонон фаъолият мекунад.
- Ташкилоти “Ҳамсоягони нек” аз моҳи ноябри соли 2020 амалӣ намудани лоиҳаи “Мактаби бехатар: Пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдакон бо таваҷҷӯҳ ба духтарон дар мактаб, оила ва ҷомеа” таҳти маблағгузории ташкилоти ЮНИСЕФ оғоз намуд.
- Лоиҳаи “Мактаби бехатар: Пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдакон бо таваҷҷӯҳ ба духтарон дар мактаб, оила ва ҷомеа” дар 51 муассисаи таълимии ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ёвон, Восеъ, Б. Ғафуров, Балҷувон, Шаҳринав ва шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Исфара ва Кӯлоб амалӣ карда мешавад.

⇒ **Шиносоӣ бо мақсаду вазифаҳои гурӯҳи хонандагон.**

⇒ Яке аз фаъолиятҳои лоиҳа ташкил намудани гурӯҳи хонандагон аз ҳисоби аъзоёни фаъоли созмони “Ворисони Сомониён” ба ҳисоб меравад.

⇒ Мақсади асосии ташкил намудани гурӯҳи хонандагон, ин тавассути онҳо паҳн ва пешниҳод намудани маълумот оид ба мавзӯи зӯроварӣ нисбати кӯдакон ва механизми арзу шикоятҳо байни ҷомеа мебошад.

⇒ **Саволномаи ибтидоӣ** (10 дақиқа). Ба ҳар як иштирокчӣ варақаи саволнома дода мешавад. (Замимаи 1)

⇒ **Муаррифии мақсаду вазифаҳои омӯзиш (5 дақиқа) (**Мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои омӯзишро пешакӣ дар флипчарт навишта омода кунед).

⇒ Иштирокчиёнро бо мақсаду вазифаҳои омӯзиш шинос кунед.

**Фаъолияти 2.** Кӯдак кист? Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак.

**Мақсад:** Шинос намудани иштирокчиён бо моддаҳои КҲК.

**Вазифа:** То интиҳои машғулият иштирокчиён оид ба ҳуҷҷати КҲК маълумот дода метавонанд.



ЗАМИМАИ 2

**Замимаи 1**

Ба Тартиби баррасии муроҷиатҳои кӯдакон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тавзеҳи механизми қабул ва баррасии мурочиатҳои кӯдакон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Кӯдакон метавонанд ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми соатҳои корӣ мурочиат намоянд. Барои ҳамаҷониба имконпазир гардонидани мурочиат ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак шартҳои зерин риоя карда мешаванд:

- ✓ боз ва дастрас будан барои муроҷиат аз ҷониби кӯдакон ва азноми онҳо;
- ✓ афзалият доштани дастрасии кӯдакон;
- ✓ мавҷуд будани тарзҳои гуногуни пешбарии муроҷиатҳо (ҳамрасмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ);
- ✓ пешниҳод намудани иттилоот дар бораи механизми ба кӯдакнекхоҳонаи муроҷиатҳо;
- ✓ содда ва ба осонӣ қобили дарк будани талаботҳо нисбати муроҷиати кӯдакон ва имконпазир будани аз ҷониби онҳо пешниҳоднамудани муроҷиатҳои беном.

**Дар раванди қабул, баррасӣ ва пайгирии муроҷиатҳои кӯдакон тартиби қадам ба қадам татбиқ карда мешавад.**

**Дар раванди қабули мурочиатҳо:**

**Қадами 1: Дар назар гирифтани манфиатхои бехтарини кӯдак**

Ҳангоми қабул ва баррасии муроҷиатҳои кӯдакон бояд принсипи таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак ба назар гирифта шавад. Зимни баррасии муроҷиатҳо ҷанбаҳои зерин, ки ба манфиатҳои беҳтарини кӯдак таъаллуқ доранд, ба назар гирифта мешаванд:

- ✓ фикри шахсии кӯдак;
- ✓ вазъиятҳои инфиродӣ ва ҳуввияти кӯдак, аз ҷумла синну сол, ҷинс, миллат, нажод, эътиқоди динӣ ва ҳуввияти фарҳангӣ;
- ✓ вазъи осебпазирии кӯдак, ба монанди маъюбӣ, таъаллуқ доштан ба ақаллиятҳои миллӣ, гуреза ё паноҳҷӯ ва қурбонии зӯроварӣ будан;
- ✓ дигар ҳуқуқҳои кӯдак.

**Қадами 2: Таъмини самарабахшӣ ва саривақтӣ**

Баррасии муроҷиатҳои вобаста ба хукуки кӯдак дорои афзалиятибаланд буда, дар ин раванд ҷанбаҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

- ✓ фавран баррасӣ карда шудани муроҷиатҳо дар бораи вайроншавии ҳуқуқи кӯдак;
- ✓ тамдид карда нашудани муҳлати баррасии чунин муроҷиатҳо;
- ✓ афзалият додан ба муроҷиатҳое, ки аз ҷониби кӯдакон ва аз номи онҳо пешниҳод шудаанд;
- ✓ иттилоотонии кӯдак дар бораи муҳлати баррасии муроҷиат ва ҳар гуна таъхирҳо дар раванди баррасии он.



**Моддаи 38**

Ту ҳуқуқ дорӣ ҳангоми ҷанг ва муборизаҳои силоҳнок ҳимоя гардӣ. Дар чунин муҳорибаҳо ту набояд чун афсар иштирок намоӣ.



**Моддаи 39**

Кӯдаконе, ки мавриди зуроаварӣ қарор гирифтаанд, ба нигоҳубин, диққати махсус ва ҳаети муқаррарӣ ҳуқуқ доранд.



**Моддаи 40**

Касе ҳуқуқ надорад ки туро дар ҷиноят беасос айбдор шуморад. Ту бегуноҳ ҳисоб мешавӣ то он даме, кӣ гуноҳи ту мувофиқи қонун муайян нагашта бошад. Ту ҳуқуқ дорӣ ки аз айбдории худ огоҳ карда шавӣ ва ҳуқуқ дорӣ ки ҳимояи ҳуқуқӣ гирӣ. Касе ҳуқуқ надорад, ки туро барои шоҳидӣ кардан маҷбур созад. Агар ту қонунро вайрон карда бошӣ, бояд кӯмак кунанд, то ислоҳ шавӣ.




**Моддаи 41**

Агар қонунҳои давлате, ки дар он зиндагӣ мекунӣ аз меъерҳои ин аҳднома бартарӣ дошта бошанд, бояд қонунҳои махаллӣ мавриди истифода қарор гиранд.




**Моддаи 42**

Давлат бояд ҳам калонсолон ва ҳам кӯдаконро аз ин аҳднома огоҳ созад.



**Моддаҳои 43 – 54**

Дар назди Созмони Миллали Муттаҳид кумитаи махсус оид ба хуқуқи кӯдак амал мекунад, ки тамоми давлатхои ин аҳдномаро қабул карда ба ин кумита аз вазъияти ҳуқуқи кӯдак дар қаламрави худ ҳисобот медиҳад.



**Ангезиши зеҳн. (5 дақиқа)**

Ба фикри шумо “Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак” чӣ гуна ҳуҷҷат аст? (Фикру ақидаи иштирокчиёнро дар флипчарт нависед)

- **Шиносоӣ бо таърихи ҳуҷҷат ва моддаҳои он.**
- **Лексияи хурд:** (5 дақиқа)

Конвенсияи ҳуқуқи кудак — Санади ҳуқуқии байналмилалӣ аст.

Соли ***1989*** Созмони Миллали Мутаҳид ҳуҷҷати аз ҳама муҳими байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак – Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакро қабул намуд.

20 ноябри соли 1989 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид бо қатъномаи 44/25 Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдакро қабул намуд. Санади мазкур ҳуқуқҳои кӯдаконро ба рушду камолот дар шароити озоду арзанда муқаррарнамуда, ӯҳдадориҳои волидайн, дигар шахсони онҳоро ивазкунанда ва давлатро дар таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон пешбинӣ менамояд.

***2 сентябри соли 1990*** ҳукми амал пайдо кардани Конвенсияи мазкур нуқтаи кулминатсионии ҳамаи он кӯшишҳое гардид, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ тӯли қариб 70 сол барои таъмини эътирофи зарурии ниёзҳои махсус ва нозукиҳои махсуси кӯдакон ба ҷо меоварл. Инсоният ба қабули ин ҳуҷҷат тадриҷан ва бо роҳи дуру дароз расид:

Ҷумҳурии ***Тоҷикистон бошад, соли 1993*** қонун дар бораи конвенсия ҳуқуқи кӯдакро қабул намуд.

Ҳуҷҷати мазкур аз 54 модда иборат мебошад. 41 модда танхо ҳуқуқҳои кӯдакро муаян мекунад. Бокимонда моддаҳо муносибати падару модар ва калонсолонро нисбат ба кудак муайян менамояд.

⇒ **Фаъолият:** Моддаҳои “Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак”
**Мақсад:** Шинос намудани иштирокчиён бо моддаҳои КҲК.
**Вазифа:** То интиҳои машғулият иштирокчиён оид ба моддаҳои КҲК маълумот дода метавонанд.

- **Ангезиши зеҳн:** Шумо кадом ҳуқуқҳоро доред? (5 дақиқа).
  (*Фикру ақидаи иштирокчиёнро дар флипчарт нависед*)
- **Кори гурӯҳӣ: (15 дақиқа).**

*(Моддаҳо ва расмҳоро ҷудогона бурида, ба ҳар як гурӯҳ даҳтогӣ тақсим кунед ва супориш диҳед, ки дар муддати 20 дақиқа онҳоро аз назар гузаронанд ва байни худ муҳокима намоянд. Сипас, ҳар як расмро бо моддаҳо мувофиқ гузоранд. Моддаҳо ва расмҳо замима мешаванд)*







**Муаррифии кори гурӯҳӣ (20 дақиқа) (Бо усули галерея)**

(Аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки ҳар як гурӯҳ кори худро дар як тарафи синфхона овезон кунанд. Як нафар ҳамчун муаррификунанда дар назди кори иҷрокардаашон меистад. Гурӯҳҳо бо навбат назди муарификунанда омада бо натиҷаи кори онҳо шинос мешаванд). Аз тарафи ҳар гурӯҳ бо навбат моддаҳои КҲК шарҳ дода мешавад).

**Фаъолияти 3.** Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо.
**Мақсад:** Паҳн кардани маълумот оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хонандагон.
**Вазифа:** То интиҳои машғулият иштирокчиён оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кӯдак маълумот дода метавонанд.
**Ангезиши зеҳн**: Иштирокчиёни муҳтарам, Шумо дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак маълумот гирифтед. Биёед, дар атрофи уҳдадориҳои худ низ андеша кунем. Ба фикри Шумо кӯдак кадом уҳдадориҳоро бояд дошта бошад? (Фикру ақидаи иштирокчиёнро дар флипчарт нависед ва сипас фикри онҳоро хулосабарорӣ кунед).

**Хулоса:**

Ҳуқуқҳои шумо танҳо дар сурате эътибор доранд, ки агар шумо ҳуқуқи одамони дигарро вайрон накунед: агар имрӯз шумо ҳуқуқи касеро поймол кунед, пагоҳ албатта касе хоҳад буд, ки нисбати ҳуқуқҳои шумо беэътиноӣ менамояд ва онҳоро поймол мекунад. Ҳар як ҳуқуқ боиси уҳдададорӣ мегардад: ҳуқуқ бидуни ӯҳдадорӣ боиси қонуншиканӣ мегардад. Уҳдадорӣ бидуни ҳуқуқ бошад, худсарӣ аст. Уҳдадориҳо – он амалҳоест, ки бо хоҳиши худи шахс дар доираи амалҳои ҳатмии инсонӣ тибқи қонун дохил карда мешавад.

**Уҳдадориҳо:**




- *Тартиботро риоя намудан;*
- *Муҳофизати табиат ва муҳити зист;*
- *Сари вақт ба дарсҳо ҳозир шудан;*
- *Хубу аъло хондан;*
- *Ба саломатии худ аҳамият додан;*
- *Ҳурмати калонсолонро ба ҷо овардан;*
- *Ба тозагӣ риоя кардан;*
- *Эҳтиёт кардани ашёҳои муассиса;*
- *Поймол накардани ҳуқуқи якдигар;*
- *Суханони қабеҳро истифода накардан;*
- *Ба иззати нафси ҳамдигар нарасидан.*
- *Ба гурӯҳҳои ғайриқонунӣ аъзо нашудан;*
- *Ба қадри меҳнату ғамхориҳои волидайн расидан (Эҳтиёт кардан ва тоза нигоҳ дошатани сару либос)*

**Фаъолияти 4. Яхшиканӣ. Бозии "Заминҷунбӣ, хона ва муш"**
**Мақсади бозӣ:** Инкишоф додани малакаи диққат додан ва чусту чолокӣ.
**Шарти бозӣ:**
Аз байни иштирокчиён як нафар барандаи бозӣ интихоб мегардад. Иштирокчиён давра меистанд.






**Моддаи 32**

Ту ҳуқуқ дорӣ то аз сӯистифодаи иқтисодӣ ҳимоя гардӣ. Давлат бояд назорат кунад, то ту ба меҳнате, ки ба саломатии ту ва инкишофу давомоти мактаби ту зарар мерасонанд, чалб гардӣ.



**Моддаи 33.** Касе ҳуқуқ надорад, то туро барои фурӯш ва истеҳсоли маводи мухаддир истифода барад. Ту ба ҳимояи давлат аз ҳамаи намудҳои маводи мухаддир ҳуқуқ дорӣ.



**Моддаи 34**

Ту ба ҳимояи давлат аз танфурӯшӣ ва зуроварӣ ҳуқуқ дорӣ.



**Моддаи 35**

Касе ҳуқуқ надорад, то туро дуздад, фурӯшад вае ба дигар мақсад истифода барад. Давлат чунин ҳодисаҳоро бояд пешгирӣ намояд.



**Моддаи 36**

Ту, инчунин ҳуқуқ дорӣ, то аз дигар намудҳои сӯистифода ҳимоя гардӣ.



**Моддаи 37**

Ту ҳуқуқ дорӣ, то аз ишканҷа, муносибати бад ва дастгиркунии ғайриқонунӣ ҳимоя гардӣ ва ҳуқуқ дорӣ дар бораи ҳуқуқи худ маълумот гирӣ. Ба кӯдаки ҷиноят содир намуда ҷазои умрбод мабҳас гаштан ва қатли онҳо таъин намудан ҷоиз намебошад. Инчунин, кӯдаки ҷиноят содир намуда, метавонад бо падару модари худ мулоқот намуда мактубот дошта бошад.



**Моддаи 26**

Агар эҳтиёҷ дошта бошӣ, ту ба таъминоти иҷтимоӣ аз тарафи давлат ҳуқуқ дорӣ.




**Моддаи 27** Ту ба зиндагонии сазовор ҳуқуқ дорӣ. Давлат бояд ба падару модари ту кӯмак расонад, то онҳо туро бо хона, хӯрок ва пӯшок таъмин намоянд.



**Моддаи 28**

Ту ба таълим ҳуқуқ дорӣ. Таълимоти ибтидоӣ бояд ҳатмӣ ва бепул бошад. Маълумоти миена ва олӣ бояд дастрас бошад.




**Моддаи 29**

Таълим дар мактаб бояд ба инкишофи маҳорату малакаҳои ту мусоидат намуда, эҳтироми туро ба ҳуқуқ, падару модар, фарҳанг тарбия намояд.




**Моддаи 30**

Ту ҳуқуқ дорӣ аз фарҳангӣ худ, забони модарии худ, дини худ истифода барӣ, новобаста аз оне, ки онҳо дину фарҳангу забони он давлате, ки ту дар он зиндагони мекунӣ мебошанд.



**Моддаи 31**

Ту ҳуқуқ дорӣ истироҳат кунӣ, бозӣ кунӣ ва бо санъат машғул шавӣ.



Баробари шунидани калимаи «муш»-ҳама дар ҷояшон меистанд, баробари шунидани калимаи «хона» иштирокчиён дунафарӣ тақсим мешаванд. Баробари калимаи «заминҷунбӣ» иштирокчиён ба ҳар тараф пароканда мешаванд.






**Фаъолияти 5.** Зӯроварӣ ва намудҳои он.
**Мақсад:** Шинос намудани иштирокчиён бо намудҳои зӯроварӣ.
**Вазифа:** То интиҳои машғулият иштирокчиён оид ба намудҳои зӯроварӣ маълумот дода метавонанд.




**Ангезиши зеҳн:** Зӯроварӣ чист?.
(Бо чунин савол ба иштирокчиён муроҷиат намоед ва фикру ақидаи ҳар якеро дар флипчарт нависед ва сипас худатон хулосабарорӣ намоед).
**Хулоса: Зӯроварӣ**- кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои инсонӣ аз ҷониби як узви ҷомеа нисбат ба дигар узви дигари ҷомеа содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад; Истифодаи барқасдонаи қувваи ҷисмонӣ ё қудрате, ки як шахс дар оила бар зидди шахси дигар истифода мекунад , ё ин ки рафтораш эҳтимоли зиёд боиси захмӣ, марг, зарари равонӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ меорад, хушунад ё зӯроварӣ номида мешавад.

Хушунат ё зӯровариро ба чаҳор намуд тақсим кардан мумкин аст:

1. Зӯроварии ҷисмонӣ.
2. Зӯроварии рӯҳӣ.
3. Зӯроварии шаҳвонӣ.
4. Зӯроварии иқтисодӣ.

**1.Зӯроварии ҷисмонӣ** қасдан истифода намудани қувваи ҷисмонӣ мебошад, ки бо мақсади расонидани зарари ҷисмонӣ, захмдоршавӣ, маъюбшавӣ ва ҳатто ба марг расонад. Зӯроварии ҷисмонӣ бо ин маҳдуд намешавад, харошидан, тела додан, рондан, газидан, буғи кардан, зарба задан, сӯзондан ва истифодаи яроқ низ зӯроварии ҷисмонӣ ҳисобида мешавад.

Ин намуди зӯроварӣ на танҳо ба зарари ҷисмонӣ оварда мерасонад, балки инчунин метавонад таъсири манфии равонии вазнин дошта бошад - масалан, агар шахс дар хона аксар вақт мавриди зӯроварии ҷисмонӣ бошад, вай метавонад аз мушкилоти солимии равонӣ ранҷ кашад ва ин ҳамчун осеб дида шавад.

**2. Зӯроварии шаҳвонӣ (ҷинсӣ)** амали шаҳвониест, ки бар зидди ҷабрдида содир карда мешавад, ки бидуни розигӣ ё ин ки, касе наметавонад розигӣ диҳад ё рад кунад, сурат мегирад. Зӯроварии шаҳвонӣ (ҷинсӣ) бо ин маҳдуд намешавад, воридшавии маҷбурӣ, машрубот ё маводи мухаддир воридшавии номатлуб, ламс кардан ғайри хоҳиш, алоқаи ҷинсӣ бо амалҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ низ зуроварии ҷинсӣ ҳисобида мешавад.

Ин намуди зӯроварӣ инчунин метавонад ба зарари ҷисмонӣ расонад ва дар бештари ҳолатҳо оқибатҳои шадиди равонӣ низ дорад.

**3.Зӯроварии рӯҳӣ (инчунин таҳқири эҳсосӣ номида мешавад**) муошурати шифоҳӣ ва ғайри шифоҳиро дар бар мегирад, ки бо мақсади зарар расонидан ба равонӣ ё эмотсионалии шахси дигар ё назорат кардани шахси дигар истифода мешавад.

Таъсири зӯроварии равонӣ метавонад назар ба дигар шаклҳои зӯроварӣ назаррас бошад, зеро ҷинояткор ҷабрдидаро ба рафторе, ки метавонад ба ягон намуди осеби равонӣ, ба монанди изтироб, депрессия ё вайроншавии системаи асаб расонад. Зӯроварии равонӣ бо ин маҳдуд намешавад: таҷовузи экспрессивӣ (масалан, таҳқир ва паст задан), назорати маҷбурӣ (масалан, маҳдудияти дастрасӣ ба ашё ё одамон ва назорати аз ҳад зиёд дар ҷои зист ё робитаи шахс); таҳдидҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсӣ, назорати солимии репродуктивӣ ва истисмори осебпазирии шахс (масалан, мақоми муҳоҷират ё маъюбӣ).

**4.Зӯроварии иқтисодӣ** метавонад чунин амалҳоро дар бар гирад: маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, пӯшок, либос, молу мулк, ки боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад.

**Кори гурӯҳӣ. Нақшбозӣ.**

*(Иштирокчиёнро ба чор гурӯҳ ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки ҳикояи пешниҳодшударо муҳокима намуда, аз рӯйи мазмуни он саҳнача омода намоянд)*




**Гурӯҳи 1.**

*Собир писарбачаи 12 сола аст. Дар оила ӯ фарзанди аз ҳама хурдӣ мебошад. Ӯ ҳамроҳи 2 бародар ва падару модараш зиндагонӣ мекунад. Бародари калониаш Расул рӯзе пас аз бозии футбол бо пойафзоли ифлос ба хона омад ва ба Собир фармон дод, то ин ки пойафзоли ӯро тоза намояд. Худаш бошад, ба бозии компютерӣ машғул шуд. Он рӯз Собир аз чоҳ 4 сатил об овард, ба гӯсфандон обу алаф дод, ҳезум майда карда дар печка алов кард, хокистари ҷамъшударо бурда ба партовгоҳ партофт. Боз ба якчанд кори модараш ёрӣ расонду бегоҳ хаста шуда хоб рафт. Тоза намудани пойафзоли бародарашро фаромӯш кард. Саҳар бародараш Расул дид, ки пойафзолашро Собир тоза накардааст. Башаст ба сӯйи Собири дар хоб буда дарафтод ва лату кӯб намуд. Модараш бошад, Расулро дастгирӣ намуда Собирро якчанд шаппотӣ ба рӯяш зад.*



**Моддаи 20**

Ту ҳуқуқ дорӣ, то давлат ба ту ғамхорӣ кунад, агар падару модар надошта бошӣ





**Моддаи 21**

Ту ҳуқуқ дорӣ ба фарзандӣ қабул шавӣ, агар падару модар надошта бошӣ.



**Моддаи 22**

Кӯдакони гуреза ба мисли дигар кӯдакон ҳуқуқ доранд. Дар баробари ин, онҳо ба дастгрии махсус низ ҳуқуқ доранд, то ҳаети сазовор дошта бошанд ва маҳорату малакаи худро инкишоф диҳанд.



**Моддаи 23**

Кӯдакони ниезманд ба мисли дигар кӯдакон ҳуқуқ доранд. Ба онҳо диққати махсус ва кӯмаки махсус дода мешавад, то онҳо тавонад зиндагии озодона дошта бошанд.



**Моддаи 24**

Ту ба хизматрасонии тиббии сифатнок ҳуқуқ дорӣ.



**Моддаи 25**

Ту ҳуқуқ дорӣ аз ҷораени муолиҷаи худ, аз ҳимоя ва дигар ахбороти зарурӣ, маълумот гирӣ, агар ин дастгирӣ ва кӯмак аз тарафи давлат ҷой дошта бошад.

**Моддаи 14**

Озодона фикри худро баен кардан ва интихоби дин, ҳуқуқи туст. Ту метавони ба дине, ки ба худ муносиб медонӣ, имон оварӣ ва метавонӣ ба ягон дин ру наорӣ.





**Моддаи 15**

Ту ҳуқуқ дорӣ, ки гирдиҳамоиҳои сулҳдустона доир гардонӣ. Ҳуқуқ дорӣ, то узви ҳар гуна созмон гардӣ ва созмон ташкил диҳӣ, агар он ҳуқуқи дигаронро поймол насозад.




**Моддаи 16**

Ба ҳаети шихсӣ ҳуқуқ дорӣ ва касе ҳуқуқ надорад, мактубҳои шахсии туро хонад ва нисбати ту беэхтиромӣ кунад. Қонун туро аз мудохила ба ҳаети шахсии ту эмин медорад.



**Моддаи 17**

Ту ҳуқуқ дорӣ маълумоти манфиатбахшро дастрас намоӣ ва калонсолон бояд ин маълумотро барои ту ба шакли фаҳмо пешкаш намоянд.



**Моддаи 18**

Падару модар, ҳарду, ӯҳдадорӣ тарбия ва инкишофи ту мебошанд. Давлат бояд ҳаматарафа мусоидат намуда, муасиссаҳои махсус ба монанди мактаб, боғчаи бачагона, беморхонаҳо ташкил намояд.




**Моддаи 19**

Ту ҳуқуқ дорӣ, то аз муносибати бади падару модар ҳимоя гардӣ. Инчунин, ҳуқуқ дорӣ то аз тамоми намудҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва руҳӣ ҳимоя гардӣ.



**Гурӯҳи 2.**

*__Шаҳзода__ духтари хеле боодоб ва хушмуомила аст. Ӯ дар синфи чорум мехонад. Доимо дар роҳ ягон нафар шахси калонсолро бинад, дасташро пеши бар намуда салом медиҳад. Шаҳзода ҳар рӯз ҳамроҳи дугонааш ба мактаб меравад. Рӯзе аз рӯзҳо дугонаҳо дар роҳ бо ҳамсояашон Толиб-амак вохӯрданд Толиб-амак ба духтарҳо таҳсин гуфта сари духтарҳоро сила кард ва ба онҳо ду дона шоколад дод. Ҳамин тавр, якчанд рӯз Толиб-ако ба Шаҳзодаву дугонааш ягон чиз, ба монади шоколад, себ, мандарин ва ғайра медод. Рӯзе Шаҳзода аз мактаб танҳо бармегашт. Он рӯз низ дар роҳ бо Толиб-амак рӯбарӯ шуд. Толиб-амак ҷавоби саломи Шаҳзодаро баргардонида, ба вай гуфт, ки биё ҳамроҳ яхмосхӯрӣ меравем ва сипас туро то хонаатон гусел мекунам. Дар роҳ Толиб-амак як дасташро ба китфи Шаҳзода гузошта, мехост, ки ба оғӯш гирад. Аз ин амали Толиб-амак Шаҳзода дар хиҷолат шуд ва худро раҳо карда, ба сӯйи хонаашон раҳсипор шуд.*



**Гурӯҳи 3.**

*Занги даромад зада шуд ва муаллим ба синфхона даромад. Пас аз одоби муошират ба пурсидани вазифаи хонагӣ шурӯъ намуд. Муаллим ба Азиз муроҷиат карда гуфт: "Канӣ биё танбалхӯҷа вазифаро ҷавоб деҳ". Аз ин суханони муаллим Азиз худро дар назди дигарон ноҳинҷор ҳис кард. Хонандагони дигар бошанд, ба ҳоли Азиз ханда мекарданд. Яке аз хонандагон бо баҳонае пойи ӯро зер кард.*

*Дарсҳо ба охир расиданд. Азиз ба сӯйи хона раҳсипор шуд. Дар роҳ бо бародараш рӯбарӯ шуд. Бародараш "Ҳа, дугирак, боз баҳои ду гирифтӣ?", гуфта ба сару рӯяш сангчамайдаро партофт.*



**Гурӯҳи 4.**

*Падари Нигора чанд сол аст, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ аст. Нигора дар хона бо модараш ва додарчааш зиндагонӣ мекунанд. Модараш ҳар моҳ маблағе, ки падараш аз Руссия мефиристад, барои рӯзгузаронӣ истифода мебарад. Ҳар боре, ки барои Нигора ягон маводи таълимӣ, ба монанди китобу дафтар, ручкаву қалам лозим шавад, аз модараш хоҳиш мекунад, ки харидорӣ намояд. Аммо модараш бошад, доим мегӯяд, ки "Барои ин хел чизҳо пул нест. Мо бояд чизҳои заруриро харидорӣ намоем. Масалан барои додарат китобу дафтар харидорӣ намудан лозим, дар оянда вай маро мехӯронаду мепӯшонад, ту бошӣ, шавҳар карда меравӣ, бинобарин ба ту хонадан ҳам лозим нест. Ҳушатро ин қадар ба мактабу хондан накарда, беҳтараш рӯбучин кардан ва дигар корҳои хонаро нағз ёд гир, ки дар оянда ба ту лозим мешавад". Нигора ба хондаш шавқи зиёд дошта бошад ҳам, азсабаби надоштани маводи таълимӣ бештари вақт ба мактаб намеравад.*



**Муаррифӣ ва муҳокимаи кори гурӯҳӣ.** *(Пас аз баромади ҳар як гурӯҳ ба иштирокчиён бо чунин саволҳо муроҷиат намуда, муҳокима намоед)*
**Савол ба аҳли гурӯҳ:**

- *Ба фикри Шумо дар ҳикояи мазкур кӣ рафтори ношоиста кард? Чаро?*
- *Ба фикри Шумо кӣ ҳуқуқи кӯдакро поймол намуд? Шарҳ диҳед.*
- *Ба фикри Шумо дар ҳикоя ҳуқуқи кӣ пойпол гардид? Шарҳ диҳед.*
- *Ба фикри Шумо кадом намуди зӯроварӣ истифода шуд?*
- *Агар Шумо ба ҷойи ............ мебудед, чӣ кор мекардед?*
- *Ба фикри шумо .................. ба кӣ метавонад муроҷиат намояд?*

**Хулоса,** истифодаи ҳама намуди хушунат ё зӯроварӣ барои ояндаи шахс таъсири манфӣ мерасонад. Зерро кӯдакон табақаи осепазиртарини ҷомеа ба ҳисоб меравaнд, ва дар оила, мактаб ва ҷомеае, ки хушунад ё зӯроварӣ ҷой дорад, хоҳ ноҳоҳ кӯдакон аз мушкилоти солимии равонӣ ранҷ мекашанд.

**Фаъолияти 5.**
**Дар кадом ҳолат арзу шикоятҳо навишта мешавад? Механизми арзу шикоятҳо.**
**Ангезиши зеҳн**. Агар нисбати шумо ва ё ҳамсолонатон зӯроварӣ нишон дода шавад, шумо чӣ кор мекунед? (Фикру ақидаи иштирокчиёнро дар флипчарт нависед ва сипас, хулосабарорӣ намоед).

**Хулоса:**

Механизми арзу шикоятҳо, ин васила аст, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак (ВОҲК) метавонад дар бораи поймол гардидани ҳуқуқҳои кӯдакон огоҳӣ пайдо намояд. Ин системаи ягонаи давлатӣ нест, вале ВОҲК имкон дорад, ки хатогиҳо ва кабудиҳои шуъбаҳои давлатӣ, воҳидҳои хиҳматрасонӣ ё шахсони воқеиро ошкор намуда, зери назорат қарор диҳад. Механизми самараноки арзу шикоятҳо ба ВОҲК барои муайян кардани мушкилоти кӯдакон кӯмак мерасонад. Кӯдакон агар ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак (ВОҲК)дастрасӣ надошта бошанд, метавонанд ба шуъбаи вазорати корҳои дохила ва ё ягон мақомоти дигари ҷамъиятӣ, ба монанди маъмурияти мактаб, роҳбаладаи лоиҳа, кумитаи маҳал муроҷиат намоянд.
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак бояд ба шикояткунанда оид ба чӣ гуна ба ҷойи зарурӣ рафтанро таблиғ намояд. Дар зер рӯйхати воситаҳое, ки барои алоқа бо ВОҲК амал мекунад, оварда шудааст:

- Почта ё почтаи электронӣ;
- Веб-сайт;
- Телефон;
- Вохӯрии шахсӣ дар офиси ВОҲК;
- SMS – паёмакҳо;
- Шикояти гурӯҳӣ;
- Шикояти беном (анонимӣ)

**Мақомотҳое, ки ба метавонанд ба кӯдакони зери хушунат қарордошта кумак расонад, инҳоянд:**

- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак (дар сатҳи ҷумҳурӣ);
- Комиссияҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак (дар сатҳи ноҳия);
- Мақомоти давлатии кор бо занон ва оила;
- Мақомоти корҳои дохила;
- Мақомоти соҳаи маориф;



**Моддаи 8**



Ту ҳуқуқ дорӣ, ки ном дошта бошӣ, инчунин ҳуқуқи шахрвандӣ ва нигоҳ доштани алокаҳои оилавиро низ доро мебошӣ. Агар туро ғайри қонунӣ аз оила дур сохта аз ном ва шаҳвандӣ маҳрум сохта бошанд, ту ҳуқуқ дорӣ ки ҳимоя шавӣ ва кумак гирӣ.



**Моддаи 9**

Ту ҳуқуқ дорӣ бо оилаи худ зиндагонӣ кунӣ. Агар падару модари ту қарори ҷудошавиро кунанд, бояд фикри туро дар бораи бо ки истоданатро ба назар гиранд. Ту ҳуқуқ дорӣ бо ҳардуи онҳо вохурӣ намоӣ. Касе наметавонад туро аз онҳо ҷудо созад. Агар падару модар муносибати бад дошта бошанд, туро барои ҳимояи худат, ҷудо карда метавонанд.



**Моддаи 10**
Ту ҳуқуқ дорӣ бо падару модари худ зиндагӣ кунӣ, новобаста аз оне, ки дар кадом давлат онҳо мебошанд.




**Моддаи 11**

Аз мамлакате, ки дар онҷо зиндагӣ дорӣ, туро ғайриқонунӣ баровардан, касе ҳуқуқ надорад.



**Моддаи 12** Ту ҳуқуқ дорӣ фикри худро озодона, бе паст задани щахсияти дигарон, баен намоӣ. Калонсолон фикру ақидаи туро бояд ба назар гиранд. Ту ҳуқуқ дорӣ то фикри худро дар додгоҳ баён намоӣ.



**Моддаи 13**

Ту ҳуқуқ дорӣ ба ҳар шакли муносиб ахборот гирӣ ва ахборот паҳн намоӣ: хаттӣ, шифоҳӣ, аз рузномаву маҷалахо ва ғайра.. ту метавонӣ ахборотро тавассути санъат низ қабул намуда паҳн намоӣ, масалан ба шакли расму тасвирҳо.




## Моддаҳои Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак

**Моддаи 1.** Ҳар касе, ки ба синни 18 нарасидааст, кӯдак ҳисоб мегардад ва дорои тамоми ҳуқуқи дар ин аҳднома зикргашта мебошад.



**Моддаи 2.** Ту ҳуқуқ дорӣ, то аз зӯроварӣ ҳимоя гардӣ. Новобаста аз ранги пусти ту, аз миллат ва маҳалли ту, аз дин, аз забон ва писар е духтар будани ту. Ҳама кӯдакон ҳуқуқи баробар доранд.




**Моддаи 3.** Ту ҳуқуқ дорӣ то ҳимоя дошта бошӣ. Ҳангоми қабул кардани ягон қарор, калонсолон бояд манфиати беҳтарини туро ба назар гиранд.



**Моддаи 4**

Ҳуқуқи ту бояд эҳтиром гардад. Давлат вазифадор аст, то ҳуқуқи ту эҳтиром гардад.



**Моддаи 5**

Ту ҳуқуқ дорӣ, то маҳорат ва малакаҳои худро инкишоф диҳӣ. Падару модар туро тарбия намуда ба инкишофи маҳорату малакаҳои ту бояд кӯмак расонанд.



**Моддаи 6**
Ту ҳуқуқи зиндагӣ ва инкишофи солимонаро дорӣ.



**Моддаи 7**

Ту ҳуқуқ дорӣ ки ном дошта бошӣ ва шаҳрванд бошӣ. Ту ҳуқуқ дорӣ падару модари худро донӣ. Давлат бояд ҳуқуқи тамоми кӯдаконро амалӣ гардонад, ҳатто кӯдаконе, ки шаҳванди ин давлат намебошанд.



- Мақомоти соҳаи тандурустӣ;
- Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо.

| Мақомот | Суроға, телефон |
|---|---|
| **Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак;** | **734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 78.**<br>**Тел:** (+992 37) 2 21 46 92<br>**Суроғаи электронӣ:** info@vhk.tj; child@ombudsman.tj<br>**Фейсбук:** /kudakon<br>**Сомона:** www.vhk.tj |
| **Комиссияҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак;** | **Утоқи корӣ дар бинои ҳукумати ноҳияҳо:**<br>**Дар ш. Душанбе:**<br>**Дар н. Рӯдакӣ:** к. И. Сомонӣ 16; (8 3137) 2 23 50;<br>**Дар ш. Ҳисор:** (8 3139) 2 53 02;<br>**Дар н. Ёвон:** к. М. Турсунзода; (8 3141) 2 19 08;<br>**Дар н. Восеъ:** к. И. Сомонӣ; (83311) 2 30 48;<br>**Дар н. Б. Ғафуров:** к. Абдурасул Нозиров 14 (8 3442)3 4381;<br>**Дар ш. Исфара:** к. Марказӣ 20; (8 3462) 2 16 91; |
| **Мақомоти давлатии кор бо занон ва оила;** | **Утоқи корӣ дар бинои ҳукумати ноҳияҳо:**<br>**Дар ш. Душанбе:**<br>**Дар н. Рӯдакӣ:** к. И. Сомонӣ 16; (8 3137) 2 18 78;<br>**Дар ш. Ҳисор:** (8 3139) 2 27 39;<br>**Дар н.Ёвон:** к. М. Турсунзода; (83141) 2 11 48;<br>**Дар н. Восеъ:** к. И. Сомонӣ**;** (83311) 2 27 16;<br>**Дар н. Б. Ғафуров:** к. Абдурасул Нозиров 14 (8 3442) 33673<br>**Дар ш. Исфара:** к. Марказӣ 20; (8 3462) 2 39 71; |
| **Мақомоти корҳои дохила;** | **Дар ш. Душанбе:** (992 37) 221 15 42; kotibot.rvkd@vkd.tj<br>**Дар н. Рӯдакӣ:** (8 3137) 2 26 46; kotibot.rudaki@vkd.tj<br>**Дар ш. Ҳисор:** (8 3139) 2 53 41; kotibot.hisor@vkd.tj<br>**Дар н. Ёвон:** (8 3141) 2 17 16; kotibot.yovon@vkd.tj<br>**Дар н. Восеъ:** (8 3311) 2 26 62; kotibot.vose@vkd.tj<br>**Дар н. Б. Ғафуров:** (8 3442) 3 22 35; kotibot.bsugd@vkd.tj<br>**Дар ш. Исфара:** (8 3462) 2 14 36; kotibot.isfara@vkd.tj |
| **Мақомоти соҳаи маориф;** | **Дар ш. Душанбе:** 2 21 90 92;<br>**Дар н. Рӯдакӣ: к. Ҷавонон 26;** (8 3137) 2 22 33; maorif.rudaki@mail.ru<br>**Дар ш. Ҳисор:** maorifi_hisor@list.ru<br>**Дар н. Ёвон:** к. Одинаев 1; (8 3141) 2 18 35; maorif-yovon@mail.ru<br>**Дар н. Восеъ:** к. И. Сомонӣ 7**;** (83311) 2 33 47<br>**Дар н. Б. Ғафуров:** к. Роҳи оҳанчиён 1; (8 3442) 3 19 82<br>**Дар ш. Исфара:** к. Ҷомӣ 5; (8 3462) 2 37 51 |
| **Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо.** | **Ҷамоати деҳот, кумитаи маҳалла, муассисаҳои таълимӣ.** |

**Фаъолияти 5.** Арзёбии рӯз.

– **Арзёбии рӯз**

|  |  |  |
|---|---|---|
| **Чӣ маъқул шуд?** | **Чӣ нофаҳмо ё мушкил буд?** | **Пешниҳодот** |

**Хулоса ва ҷамъбасти рӯзи якум**

**Рӯзи дуюм**

**Фаъолияти 1.** Хулоса ва баҳодиҳии рӯзи якум. Шукуфон шав. Аз коғаз шакли гулро бурида ширеш кунед. Дар ҳар як барги гул як савол нависед. Саволҳо чунин буда метавонад:

- **Конвенсияи Ҳуқуқи Кӯдак чӣ гуна ҳуҷҷат аст?**
- **Конвенсияи Ҳуқуқи Кӯдак аз чанд модда ва қисмат иборат аст?**
- **Кӯдак чӣ гуна ҳуқуқҳо дорад?**
- **Ӯҳдадориҳои худро номбар кунед.**
- **Оид ба зӯроварӣ ва намудҳои он маълумот диҳед.**
- **Механизми арзу шикоятҳо гуфта, Шумо чиро мефаҳмед?**

**Фаъолияти 2.** Ба Ваколатдор чӣ тарз бояд муроҷиат кард? Тартиби муроҷиат. Шикоят бояд кадом маълумотҳоро дар бар гирад? Намунаи шикояти муроҷиаткунанда.

**Мақсад:** Шинос намудани иштирокчиён бо тартиби муроҷиат ба ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак.

**Вазифа:** То интиҳои машғулият иштирокчиён оид ба чӣ тавр ба ваколатдор муроҷиат намуданро шарҳ дода метавонанд.
**Ангезиши зеҳн:** Ваколатдор чӣ гуна вазифаҳоро доро аст?
*(Фикру ақидаи иштирокчиёнро дар флипчарт нависед ва сипас хулосабарорӣ намоед)*

**Лексияи хурд:**

**Ваколатдор оид ба кӯдак кист?**

Ваколатдор оид ба кӯдак риояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакро назорат намуда, дар доираи салоҳияти худ барои барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи кӯдакон чораҳои зарурӣ меандешад.

**Фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак аз чӣ иборат аст?**

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар амалӣ намудани фаъолияти худ мустақил аст. Барои мусоидат дар таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак Ваколатдор метавонад:

- муроҷиатҳоро оид ба барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдакон баррасӣ намояд;



**Фикру ақидаи худро дар ҷадвали зерин ҷой диҳед:**

| *Моҳ* | *Сана* | *Номгӯйи чорабинӣ* | *Шахси масъул* |
|---|---|---|---|
| *Сентябр* | *Ҳафтаи 1* | *Намуна: Навишта овезон кардани эълон оид ба ташкил гардидани механизми арзу шикоятҳо* | *Роҳбари гурӯҳ ва аъзоён* |
| | *Ҳафтаи 2* | | |
| | *Ҳафтаи 3* | | |
| | *Ҳафтаи 4* | | |
| *Октябр* | *Ҳафтаи 1* | | |
| | *Ҳафтаи 2* | | |
| | *Ҳафтаи 3* | | |
| | *Ҳафтаи 4* | | |
| *Ноябр* | *Ҳафтаи 1* | | |
| | *Ҳафтаи 2* | | |
| | *Ҳафтаи 3* | | |
| | *Ҳафтаи 4* | | |
| *Декабр* | *Ҳафтаи 1* | | |
| | *Ҳафтаи 2* | | |
| | *Ҳафтаи 3* | | |
| | *Ҳафтаи 4* | | |

**Хулоса:** Нақшаи мазкур барои пеш бурдани фаъолияти гурӯҳ кумак мерасонад. Тавассути фаъолиятҳои банақшагирифташуда ҳамаи хонандагони муассиса метавонанд оид ба ҳуқуқҳои худ, зӯроварӣ ва намудҳои он, механизми арзу шикоятҳо маълумот пайдо намоянд.

**Фаъолияти 6.**

*Саволномаи интиҳоӣ.*

*Хулоса ва ҷамъбаст*

3. *Истифодаи варақаи шикоятии махсус таҳияшуда. Варақаи махсус бо шумораи зиёд чоп карда мешавад ва ҳар нафаре, ки арзу шикоят дорад, варақаро пур карда месупорад ва ё ба қуттии арзу шикоятҳо мепартояд.*
4. *Почтаи электрониро шахсоне, ки ба интернет дастрасӣ доранд, метавонанд истифода намоянд.*
5. *Хабар додан ба омӯзгори фаннӣ ва ё роҳбари синф, волидайн, раиси маҳалла ва ё намояндаи дин дар маҳалла. Хонандагоне, ки зери хушунат қарор мегиранд ва ё шахсоне, ки шоҳиди зӯроварӣ нисбати кӯдакон мегарданд, арзу шикояти худро шифоҳӣ ба омӯзгорон , волидайн, раиси маҳалла ва ё намояндаи дин дар маҳалла мерасонанд.*
6. *Хабар додан ба роҳбалад (ментор)-и муассиса.*
7. *Ҷудо кардани як рӯзи муайян барои қабули арзу шикоятҳо ва таъин кардани шахси масъул. Бо мувофиқа бо кумитаи маҳал ва маъмурияти муассиса ҳафтае як рӯз интихоб карда мешавад. Дар ҷойи махсуси ҷудокардашуда шахси вобаст нишаста арзу шикоятҳоро қабул менамояд.*

**Мо бояд чиро донем?**

Хонандагон ва нафароне, ки шоҳиди ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон мегарданд бояд донанд, ки метавонанд шифоҳӣ, бевосита ё тариқи телефон ва ё ба таври хаттӣ нисбати ҳаракатҳои тарсонидан, зӯроварии шифоҳӣ, ҷисмониро аз тарафи ҳамсолон ва калонсолон мебошанд ба роҳбари синф, омӯзгорони фаннӣ, ки боварӣ доранд, равоншинос, роҳбаладӣ гурӯҳи хонандагон, роҳбари муассисаи таълимӣ муроҷиат намоянд.

1. *Фикру ақидаи худро озодона баён карда метавонед;*
2. *Ҳамаи кӯдакон ҳуқуқи шикоят намуданро доранд;*
3. *Агар ягон намуди ҳуқуқи кӯдакон поймол карда шавад, хонандагон метавонанд, муроҷиат намоянд;*
4. *Ному насаби муроҷиаткунандагон махфӣ нигоҳ дошта мешавад.*
5. *Муроҷиатномаҳоро танҳо аъзоёни кумитаи арзу шикоятҳо ҳуқуқи хондан, таҳлил карданро доранд;*
6. *Навиштани ному насаб метавонад махфӣ бошад;*
7. *Шахси муроҷиаткунанда ҳеҷ гоҳ танқид ва ё таҳқир (масхара) карда намешавад;*
8. *Аъзоёни гурӯҳ бояд оид ба ташкил гардидани механизми арзу шикоятҳо хонандагони дигарро огоҳ намоянд;*
9. *Шахсоне, ки шоҳиди содир гардидани зӯроварӣ нисбати кӯдакон мегарданд, метавонанд барои кумак муроҷиат намоянд;*

**Фаъолияти 4.** Яхшиканӣ. Бозии “Дузд ва муфаттиш”

**Шарти бозӣ:** Иштирокчиёнро ба давра даъват намоед.

**Фаъолияти 5.** Нақшаи кори гурӯҳ оид ба огоҳ намудани хонандагони муассиса дар бораи механизми арзу шикоятҳо. *(Ба иштирокчиён бо чунин савол муроҷиат намоед)*

1. *Чӣ тавр мо метавонем, ки хонандагони муассисаро оид ба ташкил гардидани механизми арзу шикоятҳо огоҳ намоем.*
2. *Кадом маълумотҳоро ба дигар хонандагон расонидан муҳим аст?*
3. *Кадом чорабиниҳоро ташкил карда метавонем?*



- ба муассисаҳои махсусгардонидашудаи кӯдакона ташриф оварда, санҷишҳо гузаронад;
- дар такмили қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак иштирок намояд;
- барои баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон, аз ҷумла кӯдаконоид ба ҳуқуқу озодиҳои онҳо чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронад;
- барои ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон мусоидат намояд.

**Кӣ ба ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак муроҷиат карда метавонад?**

Ҳар як кӯдак, падару модар, фарзандҳо, васӣ, парастор, мураббӣ ё дигар шахсони онҳоро ивазкунанда метавонанд барои мусоидат дар барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдак ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак муроҷиат намояд. Тамоми муроҷиатҳо ҳатман баррасӣ карда мешаванд.

**Ба Ваколатдор чӣ тарз бояд муроҷиат кард?**




Шикоятнома ба Ваколатдор дар давоми як соли баъди поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои муроҷиаткунанда ё аз рӯзе, ки ба ӯ поймол шудани ин ҳуқуқҳо маълум гаштааст, пешниҳод карда мешавад.

Шикоятнома танҳо пас аз андешидани дигар чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ё маъмурӣ, яъне танҳо пас аз он ки аз қарор ё амали (беамали) поймол кардаи ҳуқуқи инсон, ба тариқи судӣ ё бо тартиби тобеияти маъмурӣ шикоят карда шудааст, пешниҳод карда мешавад.

**Ангезиши зеҳнӣ.** Мактуби шикоят бояд кадом маълумотҳоро дошта бошад?

**Шикоят бояд маълумотҳои зеринро дарбар гирад:**

1. Ному насаби муроҷиаткунада (ихтиёрӣ аст);
2. Суроғаи ҷойи зисти муроҷиаткунанда (агар шикоят аз тарафи намоянда пешниҳод шуда бошад, имзои муроҷиаткунанда зарур нест);
3. Номи мақомот ё шахсе, ки ҳуқуқи Шуморо поймол намудааст;
4. Вазифаи (агар маълум бошад) шахсе, ки ҳуқуқи Шуморо поймол намудааст;
5. Шарҳи воқеа.
6. Санаи рух додани хушунат.

**Кадом намуди шикоятҳо ба назар гирифта намешаванд:**

- **Шикоят оид ба дархост намудани маҳсулоти хӯрока ба монанди орду равған ....**
- **Агар ному насаби шахсе, ки ҳуқуқи кӯдакро поймол намудааст ва ё зӯроварӣ содир намуда бошад, муайян набошад;**
- **Агар воқеа шарҳ дода нашуда бошад;**
- **Агар шикоят хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ ва ё хушунат надошта бошад.**

**Кори гурӯҳӣ.** Намунаи шикоятҳоро аз назар гузаронед ва муайян намоед, ки ба кадом меъёрҳо ҷавобгӯанд. Кадоме аз онҳоро кумитаи арзу шикоятҳо дар ҳақиқат ба назар мегиранд.

| № | Намунаи муроҷиатнома | Ному насаби муроҷиаткунанда | Синну сол | Ному насаби шахсе, ки ҳуқуқи шуморо поймол намудааст | Вазифаи шахсе, ки ҳуқуқи шуморо поймол намудааст | Шикояти Шумо (Шарҳи воқеа) | Санаи муроҷиат |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ман, Сумаяи Сулаймон дар синфи 6-ум мехонам. Имрӯз дар хонаи мо орд набуд, илтимос барои оилаи мо орд харед. | | | | | | |
| 2 | Маро имрӯз муаллим зад, илтимос чора бинед. | | | | | | |
| 3 | Дирӯз падарам ба ман гуфт, ки вазифаи хонагиамро тайёр накунаму, хонаҳоро рӯбам, илтимос ба муаллим гӯед, ки ба ман баҳои 2 нагузорад. | | | | | | |
| 4 | Ду рӯз пеш муаллими фанни математика Камолов Фирдавс ба ман баҳои ду монд ва сарзаниш кард, илтимос чора андешед. | | | | | | |
| 5 | Ман 12 сола ҳастам, ман ва ҳамсинфонам намехоҳем, ки муаллим Азимов Карим ба мо дарс диҳад. | | | | | | |
| 6 | Имрӯз Салим маро зад. Илтимос, чора андешед. | | | | | | |
| 7 | Ман шоколадро дӯст медорам, барои ҳамин ба ман шоколад харида диҳед. | | | | | | |
| 8 | Муаллими фанни химия ба ман муносибати хуб надорад, маро маҷбур мекунад, ки элементҳои химиявиро аз ёд кунам, илтимос чора андешед. | | | | | | |
| 9 | Падарам доимо маро мезанад, боз бародарам ҳам мезанад, илтимос чора андешед. | | | | | | |
| 10 | Муаллимони мактаби мо доимо моро мезананд ва дашном медиҳанд. | | | | | | |



***НАМУНА:***

## ШИКОЯТНОМА

**Ному насаби муроҷиаткунанда (ихтиёрӣ аст): ______________________**
**Синну сол:___________________________**

**Ному насаби шахсе, ки ҳуқуқи Шуморо поймол намудааст:**
____________________________________________________________________

**Вазифаи шахсе, ки ҳуқуқи Шуморо поймол намудааст:**
________________________________________________________________________________

**Шикояти Шумо (Шарҳи воқеа бо нишон додани сабабҳо):**
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________

**Имзо:__________________** **Сана:_____________________**

**Фаъолияти 3. Шаклҳои ташкил ва ба роҳ мондани механизми арзу шикоятҳо:**

**Ангешиши зеҳн:** Ба фикри Шумо арзу шикоятҳоро чӣ тавр ҷамъоварӣ намудан мумкин аст?

**Кори дунафарӣ:** Шаклҳои ҷамъоварии арзу шикоятҳоро аз назар гузаронед ва муайян кунед, ки кадоме аз онҳоро дар муассисаи шумо истифода намудан мумкин аст?

1. *Ҷамъоварии арзу шикоятҳо дар дохили қуттӣ. Дар муассиса ва ё ягон мавзеи мувофиқи маҳал ҷойгир намудани қуттии махсус. Қуттӣ ҳатман бояд пурра махкам бошад. Дастрасӣ ба мактубҳо танҳо шахси масъул дошта бошад. Аъзоёни кумитаи арзу шикоятҳо ҳафтае як маротиба варақаҳои дохили қуттиро аз назар мегузаронанд.*
2. *Дафтари махсус барои навиштани арзу шикоятҳо. Дар муассиса дафтари махсуси қабули арзу шикоятҳо ҷой дода мешавад. Кӯдаконе, ки зери хушунат қарор мегиранд, метавонанд арзи худро дар дафтар қайд намоянд.*